Ба матбаа 15.10.2016 супорида шуд.
Қоғази офсетӣ. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 0,5.
Фармоиш №013. Адади нашр 100 нусха.

Дар матбааи «Донишгоҳи технологии Тоҷикистон» чоп шудааст.
Суроға: ш.Душанбе, к. Н. Қарабоев 63/3

**ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДЕПАРТАМЕНТИ ИДОРАИ ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ ВА СИФАТИ ТАҲИСЛОТ**

# НИЗОМНОМАИ
**шӯъбаи мониторинг ва идораи сифати таҳсилоти Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Душанбе – 2016

«Тасдиқ мекунам»
Раиси Шӯрои олимон,
Ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Амонзода И.Т.

Бо қарори
Шӯрои олимони ДТТ
аз 28 сентябри соли 2016 ,
тахти № 1 тасдиқ шудааст.

## 1. Муқарраротн умумӣ

1.1.Шӯъбаи мониторинг ва идораи сифати таҳсилот бо мақсади ташкили назорат, таҳлил ва муайян намудани дурнамои беҳдошти сифати тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар бозори дохилӣ ва берунии меҳнат рақобатпазир ҳамчун сохтори таркибии қисми таълим дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъсис ёфтааст.

1.2. Шӯъба дар фаъолияти худ фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Точикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуну қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон дар бораи сиёсати давлатии тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», Қонуни ҶТ "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ", фармоишҳои Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ, фармоишу дастурҳои раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва низомномаи мазкурро ба асос мегирад.

1.3. Шӯъбаи мазкур доир ба гузаронидани мониторинги низоми сифати тайёр намудани мутахассисон дар ДТТ фаъолият менамояд.

1.4. Шӯъба бо ҳамаи сохторҳои ДТТ ҳамкорӣ менамояд.

1.5.Фаъолияти шӯъбаи мониторинг ва идораи сифати таҳсилотро Оинномаи ДТТ ва Низомномаи мазкур муайян мекунад.

## 2. Вазифаҳои шӯъбаи мониторинг:

2.1. Ташкил ва гузаронидани кори доимӣ оид ба мониторинги сифати тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, равона намудани фаъолияти устодон ба баланд бардоштани дараҷаи сифати таҳсилот дар ДТТ.

2.2.Ташкили чорабиниҳо барои санҷиш ва баҳодиҳии сифати таҳсилот дар донишгоҳ.

2.3. Таъминоти дастурию иттилоотии технологӣ барои амалӣ намудани тартиби назорат ва баҳодиҳӣ дар донишгоҳ.

2.4.Гузаронидани санҷиш ва таҳлили сифати таҳсилот дар кафедраву шӯъбаҳо ва факултетҳои донишгоҳ.

2.5.Таҳия намудани гузориш ва маълумотнома оид ба мониторинги сифати таҳсилот ба Раёсати Донишгоҳ, Департаменти идораи ҷараёни таълим ва сифати таҳсилот ва Шӯрои олимони Донишгоҳ.

2.6. Омода намудани маводҳои фаврӣ, иттилоотию таҳлилӣ, ҷамъбастию таҳлилӣ ва оид ба назорат ва баҳодиҳии сифати таҳсилот барои роҳбарияти Хадамоти давлатӣ.

2.7.Таҳия ва иҷрои нақшаи чорабиноҳо оид ба бартараф сохтани камбудиҳо ва болобарии минбаъдаи сифати таҳсилот.

2.8. Таҳияи маводҳои ҳисоботӣ оид ба иҷрои нақшаи Раёсати Донишгоҳ, аз натиҷаи санҷиш марбут ба сифати таълими донишҷӯён ва ба Раёсати Донишгоҳ пешниҳод намудани маълумот.

2.9. Натиҷаҳои фаъолияти шӯъбаро ҷамъбаст намуда, самтҳои фаъолияти шӯъбаро барои соли нави таҳсил муайян менамояд.

### 3. Ваколатҳо

Шӯъбаи мониторинг ва идораи сифати таҳсилот барои амалӣ намудани вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда ҳуқуқ дорад:

3.1. Барои иҷрои вазифаҳое, ки ба салоҳияти шӯъба дохиланд, маводҳо ва ҳуҷҷатҳои заруриро дархост ва талаб намояд.

3.2. Бо супориши роҳбарияти Донишгоҳ ва Департаменти идораи ҷараёни таълим ва сифати таҳсилот назорат ва санҷиш мегузаронад. Ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти кори шӯъбаи мониторинг ва идораи сифати таҳсилот дохиланд, баҳо дода, риояи талаботи муқарраргардидаро дар соҳаи назорат ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот назорат менамояд.

3.3. Ба Ректори Донишгоҳ оид ба ҳалли масъалаҳое, ки ба салоҳияти шӯъба дохил мешаванд, таклифҳо пешниҳод менамояд.

3.4. Дар ҳалли масъалаҳое, ки ба салоҳияти кори шӯъбаи мониторинг ва идораи сифати таҳсилот дохил мешаванд, бо Ректори Донишгоҳ ва Депаратаменти идораи ҷараёни таълим ва сифати таҳсилот ҳамкорӣ менамояд.

3.5. Сифати таълимро дар Донишгоҳ назорат мекунад.

### 4.Самтҳои асосии фаъолияти шӯъбаи мониториг ва идораи сифати таҳсилот

**4.1.Таҳия ва истифодаи усулҳои муосири назорат ва таҳлили сифати таҳсилот:**

- назорати фаъолияти кафедраҳо оид ба таҳия, мувофикат намудани барномаҳои кории фан (силлабус), ки дар асоси нақшаи таълим ва талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ;
- назорати риоя намудани пайдарҳамии мавзӯъҳо, ҳаҷми соатҳои пешбинишудаи барномаи кории фан (силлабус) хангоми гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ;
- пайваста омӯхтани фикру ақидаи донишҷӯён оид ба таълими фан ва ба инобат гирифтани онҳо дар фаъолияти минбаъдаи омӯзгор ва ташкили низоми таҳсилот;
- фароҳам овардани шароит барои мубодилаи озоди афкор ва тарбияи донишҷӯён дар руҳияи эҳтироми гуногунақидагӣ;
- фароҳам овардани фазои якдигарфаҳмӣ ва эҷодӣ ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ, дар донишҷӯён бедор намудани ҳисси ватандӯстӣ, расидан ба қадри маърифату дониш ва худшиносии миллӣ;
- ӯҳдадор намудани омӯзгорон барои дар дарсҳои лексионӣ ва машғулиятҳои амалӣ, донишҷӯёнро дар руҳияи мустақилият, ташаббускорӣ тарбия кунонанд, қобилияти эҷодии онҳоро инкишоф диҳанд, то ки шогирдон

арзишҳои миллию умумибашарӣ ва ахлоқиву маънавиро эҳтиром намоянд.

**4.2.Тадқиқ ва таҳлили натиҷаҳои мониторинги сифати таҳсилот:**

- баҳодиҳии ҳолати низоми таҳсилот дар ДТТ ва тағйиротҳои дар он бавуҷудоянда;
- таҳлили доимии муқоисавии комёбиҳои таълимии донишҷӯён;
- таъмини экспертизаи ҳолати ҳуҷҷатгузории таълимию методӣ: барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои инфиродии омӯзгорон, барномаҳои кории фан (силлабус), воситаҳои таҳияшудаи таълимию методӣ, саволномаҳои тестӣ ва маводҳои имтиҳонҳо (фосилавӣ ва ҷамъбастӣ);
- таҳлили саволномаҳои тестӣ барои имтиҳонҳои фосилавӣ, ҷамъбастӣ ва имтиҳоноти давлатии аттестатсионӣ, мувофиқат кардани онҳо бо барномаҳои кории фан ва стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ;
- тайёр намудани тавсияҳо оид ба аз нав дида баромадани ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда ҷиҳати ба танзим даровардани раванди таълим ва сифати таҳсилот.

**4.3.Тавсифи сифати дарси омӯзгорон:**

- таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати машғулиятҳои лексионӣ ва амалии омӯзгорон;
- мувофиқат намудани мавзӯи дарс бо барномаи кории фан (силлабус);
- алоқамандии мазмуни назариявии лексия бо амалияи ҳаёти иқтисодии мамлакат, алоқамандии лексия бо соҳаи касбии мутахассиси оянда, дараҷаи навоварии лексия, истифодаи адабиёти навтарин ва маводҳои матбуоти даврӣ дар лексия, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок будани лексия, инъикоси проблемаҳои муҳимтарин, мантиқан дуруст гузошта шудани саволҳо дар лексия, хусусияти тарбиявии лексия, маданияти нутқи устод, тарзи баён, саҳеҳ ва бурро будани нутқи устод ва ғайра.
- таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати дарсҳои лексионӣ ва машғулиятҳои амалии омӯзгороне, ки ба вазифаҳо (муаллим, муаллими калон, дотсент, профессор) тавсия мешаванд.

**4.4.Фаъолияти таҷрибавию озмоишӣ:**

- омӯзиши омилҳои ба сифати таҳсилот таъсиррасонанда;
- назорати мунтазам ва объективонаи раванди таълим ва дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён мувофиқи талаботҳои стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ;
- мунтазам баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот дар намуди ҷамъбасти назорат зинаи муҳими алоқаи байни омӯзгор ва донишҷӯ;
- таҳлили дараҷаи азхудкунии аз фанҳои таълимӣ;
- таҳлили усулҳои таълимӣ ба талаботи имрӯза мувофиқ;
- иштирок дар аттестатсияи касбии омӯзгорони ихтисосҳои мавҷуда дар ДТТ.
- дида баромадани ҳуҷҷат ва маводҳои сифати таҳсилот дар кафедраҳои ДТТ.

## 5. Ҳамкории шӯъба бо дигар сохторҳо

5.1. Ҷалб намудани омӯзгорони ДТТ барои таҳлили дарсҳо, маводҳои таълим, назорати сифати таҳсилот ва хулосабарорӣ.

5.2. Дар фаъолияти шӯъба ба ҳайси мушовир метавонанд роҳбарони сохторҳои зерин ҷалб карда шаванд:

- факултетҳо;
- кафедраҳо;
- маркази бақайдгирӣ;

### 6. Идораи шуъба

**6.1.** Ҷадвали штатии шӯъбаро ректори ДТТ тасдиқ менамояд.

**6.2.** Роҳбарии умумиро аз болои фаъолияти кормандони шӯъба ноиби ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот ба ҷо меорад.

**6.3**. Роҳбарии бевоситаи фаъолияти шуъбаро мудири он ба ӯҳда дошта, бо фармоиши ректори ДТТ таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

**6.4.** Мутахассисони шӯъба мувофиқи тартиботи муқарраршуда ва ҷадвали мансабҳо ба кор таъин ва аз кор сабукдӯш карда мешаванд.

### 7. Сохтори шӯъба

Сохтори шӯъбаи мониторинг ва идораи сифати таҳсилот аз чунин воҳиди штатӣ иборат мебошад:

1. Мудири шӯъба;
2. Сармутахассис;
3. Ҳамоҳангсоз;

### 8. Вазифаҳои кормандони шӯъба

**1. Мудири шӯъба:**

- бо мақсад, маром, вазифаҳои стратегии гузаронидани мониторинг шинос намуда, аҳамияти онро ба сохторҳои мутасаддии ва гурӯҳҳои академӣ мефаҳмонад ва дар ин раванд корҳои доимиро иҷро менамояд;
- ҷузъҳои таркибии таълим ва тарбияро, ки онҳо аз нигоҳи баҳогузории донишҳои касбӣ ва ба камолрасии мутахассис вобастаанд ҷудо менамояд ва вобаста аз афзалияти онҳо мӯҳлатҳои даврии гузаронидани мониторингҳо ба проректор оид ба корҳои таълим мувофиқа менамояд;
- дар асоси ҷадвали тасдиқшудаи чораёни таълим давра ба давра ташхиси муқоисавӣ гузаронида, дар асоси ин таҳлил барои мудири шӯъбаи таълим ва проректор оид ба корҳои таълим гузориш пешниҳод менамояд;
- вобаста аз талаботи Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи таълим, фаъолияти кафедраҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз ташхиси муқоисавӣ мегузаронад ва ба проректор оид ба корҳои таълим ва идораи сифати таҳсилот маълумоти таҳлилӣ-муқоисавӣ пешниҳод менамояд;

**2. Сармутахассис:**

- вобаста аз таҳлили фаъолияти донишҷӯ, омӯзгор, мудирони кафедра ва деканони факултетҳо маводҳои таҳлилӣ-муқоисавӣ таҳия намуда, барои баҳогузории даврӣ ва баҳогузории фаъолияти ҳар яке аз сохторҳо маводҳои таҳлилӣ-муқоисавӣ пешниҳод менамояд;
- маводҳои мавриди таҳлили қарордоштаро барои дар ҳисоботҳои солона ва даврӣ ҷойдоштанашон ба шӯъбаҳои мутасаддӣ пешниҳод менамояд;

■ мувофиқати мавзӯъҳои дар журналҳои академӣ овардашуда ва барномаҳои тасдиқшудаи фанниро таҳти назорат гирифта, вобаста ба таҳлили овардашуда маводҳои лозимиро ба сохторҳои мутасаддии донишгоҳ пешниҳод менамояд;

**3. Ҳамоҳангсоз:**

■ дар ҳамкорӣ бо омӯзгорон ва кафедраҳо манбаъҳои баланд бардоштани сифати таҳсилотро муайян намуда, вобаста аз ин талабот барномаҳои корӣ, силлабус ва дигар маводҳои таълимӣ-методиро аз ҷиҳати ҳамоҳангӣ аз ташхиси касбӣ мегузаронад;

■ дар асоси талаботи касбии мутахассисон вобаста аз ихтисос ва равияҳо гузаронидани аттестатсияҳои давриро аз ҷониби кафедра ва факултетҳо таъмин намуда, бо хулоса ва натиҷаҳои бадастоварда деканат, кафедра ва Департаменти идораи ҷараёни таълим ва сифати таҳсилотро шинос менамояд.

■ мувофиқат ва ҳамоҳангии талаботи стандартҳои давлатӣ, барномаҳои корӣ ва машғулиятҳои гузаронидашудаи омӯзгоронро аз таҳлили муқоисавӣ мегузоранд ва хулосаҳои касбӣ мегузаронад;